## Ҳалли масъалаи асосии фалсафа

### *Ҷанбаи аввали масъалаи асосии фалсафа*




Ҳангоми ҳалли ҷанбаи аввали масъалаи асосии фалсафа файласуфҳо ба ду гурӯҳи калон – **идеалистҳо** ва **материалистҳо** ҷудо гардиданд. Касоне, ки тасдиқ мекарданд, ки ҳақиқати субъективӣ, мавҷудоти рӯҳонӣ бар мавҷудоти моддӣ муқаддам аст, гурӯҳи идеалстиро ташкил медоданд. Касоне, ки ибдоъро модда, табиат медонистанд ба гурӯҳи материалистӣ дохил гардиданд.

Андеша оиди он ки ин равияҳои фалсафӣ аз ҳам бо ҳалли ин масъала фарқ мекунанд, ки аввал кадоме (модда ё рӯҳ) арзи вуҷуд кард ва кадоме баъд, хело барғалат мебуд. Зеро агар идеалистҳо масъалаи пайдоиши шуур, рӯҳро баррасӣ накунанд, материалистҳо бошанд, пайдоиши моддаро. Оиди аввалият на бо он мазмун баррасӣ мешавад, ки аввал чӣ ба вуҷуд омад, балки аввалият дар нисбати ҳам. Бо мазмуни қатъии фалсафӣ идеализм ва материализм бо фаҳмиши гуногуни муносибатҳои онтологӣ байни тафаккур ва ҳастӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳангоми ҳалли ҷанбаи аввали масъалаи асосии фалсафа, азбаски сухан оиди муносибати тафаккур ва ҳастӣ меравад, зарур аст, ки чигунагии

дарки ҳастӣ, воқеъият, олами беруна, муайян шавад. Се тариқ вуҷуд дорад.

- **Материализм:** ҳастӣ, олами беруна, ашё ва ғ. ҳақиқатанд, новобаста ва берун аз шуури мо вуҷуд доранд, нисбат ба шуур муқаддаманд.
- **Идеализми субъективӣ:** олами беруна, ашё ва ғ. ба шарофати шуури инсон вуҷуд доранд. Маҳсули фаъолияти ӯ ба шумор меравbooked**.**
- **Идеализми объективӣ:** Олами беруна, ашё ва ғ. инчунин шуури мо башарофати мавҷудияти мабдаи рӯҳонӣ (ақли кул, нафси кул, ихтиёри ҷаҳонӣ, Худо) вуҷуд доранд.

Ҳам материализм ва ҳам идеализм таълимотҳои фалсафии **монистӣ** ба шумор меравanд. Аммо ба ғайр аз фалсафаи монистӣ консепсияи **дуалистӣ** низ вуҷуд дорад. Мисол барои дуалистӣ таълимоти **Декарт (1596–1650**), шуда метавонад. Ӯ чунин меҳисобид, ки модда ва шуур новобаста аз ҳам ҷавҳарҳои мустақил ба ҳисоб меравanд.